«**Тасдиқ мекунам**»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, профессор
__________ Ғаффорӣ Н. У.
_28_ _сентябри_ соли 2020

**Хулосаи**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсия дар мавзӯи “Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ аз тарафи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Муминова Сафарбегим Баҳриевна ҳамчун унвонҷӯ дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба таҳқиқоти илмӣ машғул мебошад.

Роҳбари кори илмии Муминова Сафарбегим – Шамсулло Исмоилов, доктори илмҳои филологӣ, профессор.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, аз 30. 09. 2016, қарори №4/5.4 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Муҳиммияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, дар он асос меёбад, ки шеваҳои забони тоҷикӣ аз манбаъҳои муҳими ташаккул ва рушду нумӯи забони адабии тоҷикӣ маҳсуб ёфта, забони адабӣ ҷойҳои холии таркиби луғавии худро дар ҳама давру замон маҳз аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи лаҳҷаю гуфторҳои маҳаллӣ такмил медод, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам идома дорад. Дар ҳақиқат, имкониятҳои захираи луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, махсусан гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ, хеле фаровон аст ва лаҳҷаҳо дар ҳар мавриди мусоид метавонанд вожаҳои софу беолоиши таркиби худро ба ихтиёри забони адабӣ вогузор намоянд. Хусусан, ҳоло ки забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон мақоми давлатӣ гирифтааст ва шохаи адабии он ниёз ба меъёрҳои худӣ дорад, вазъ тақозо мекунад, ки луғати ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ, чи иқтибосӣ ва чи худӣ, ба таври алоҳида мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад ва ба ин восита калима ва таркибу ибороти волову меъёрзеби онҳо чун ҷойгузини унсурҳои нодаркори иқтибосӣ, воҳидҳои услубан дурушт ва аз нигоҳи бадеӣ пасту хароб ба забони адабӣ бештар ворид карда шаванд. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва

таҳқиқи низоми луғавии гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ, ҳам вожагони иқтибосӣ ва ҳам аслии он аҳамияти бузурги илмию амалӣ дорад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР таъйид намудаанд, интишор гардидаанд. Масъалаҳое, ки диссертант дар диссертатсия баррасӣ менамояд, ҳамчунин бо нақшаи илмии бахши лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ мувофиқ мебошанд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ**. Мақсади асосии таҳқиқот тасвири синхронии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон мебошад, ки миёни лаҳҷаҳои тоҷикии Бадахшони Тоҷикистон ва Бадахшони Афғонистон доман паҳн карда, хусусияти гузарандагӣ касб кардааст, дар муқоиса ба лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳи он (ишкошимӣ, ғоронӣ ва мунҷонӣ) як гӯйиши хоси тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин нишон додани умумияти лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон бо забони адабии ҳозираи тоҷик ва ба қайд гирифтани аломатҳои хоси лексикаи лаҳҷаи мазкур дар қиёс бо забони адабӣ ва дигар лаҳҷаҳои ҳамсоя низ аз аҳдофи рисола мебошанд.

Вобаста ба ин вазифаҳои таҳқиқотро ба таври зерин арзёбӣ намудан мумкин аст:

-гирдоварӣ кардан ва ба низом даровардани маводи лаҳҷаи тоҷикии водии Вахон чун як лаҳҷаи мустақил миёни дигар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ;

-гурӯҳбандӣ ва баррасӣ намудани хусусиятҳои таркиби луғавии лаҳҷаи мазкур;

-нишон додани хусусиятҳои талаффузӣ ва семантикии вожаҳои умумитоҷикӣ дар лаҳҷаи мазкур;

-дақиқ намудани навъҳои диалектизмҳои лексикӣ аз нигоҳи ҳудуди интишор: диалектизмҳои пурра ва нопурра, мухолиф ва ғайримухолиф;

-ба қайд гирифтани манбаъҳои асосии ташаккул ва таҳаввули маъноии диалектизмҳо;

-муайян намудани муносибати лексикаи ин лаҳҷа бо лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ;

-муайян намудани ҷойгоҳи лаҳҷаи тоҷикии водии Вахон дар низоми умумии диалектологии забони тоҷикӣ;

-ҷудо намудани унсурҳои иқтибосӣ ва таҳлили семантикӣ-тематикии онҳо;

-ба доираи таҳқиқ даровардани нақши воситаҳои калимасоз дар ташаккули унсурҳои лаҳҷавӣ;

-муайян сохтани нақши лаҳҷаҳои тоҷикии водии Вахон дар нигоҳдории калимаҳо ва таъбирҳои нодири забони адабии форсии дарӣ (осори классикӣ);

-таҳлили лексикологӣ ва грамматикии гурӯҳҳои луғавӣ-семантикии вожагон ва нишон додани хусусиятҳои диалектологии онҳо;

-муайян намудани нақши сермаъноӣ, синонимия (муродифшавӣ), антонимия (мутазодшавӣ) ва омонимия (ҳамгуншавӣ), дар инкишофи низоми услубии лаҳҷа;

**Манбаи назариявӣ ва методологияи таҳқиқ.** Асоси назариявии таҳқиқотро осори олимони русу тоҷик А. З. Розенфелд, Ф. П. Филин, И. М. Оранский, А. А. Брагина, Ф. П. Сороколетов, И. А. Оссоветский, О. И. Блинова, А. В. Калинин, М. С. Андреев, И. М. Стеблин-Каменский, Н. М. Шанский, И. И. Зарубин, Р. Л. Неменова, В. С. Расторгуева, Ю. И. Богорад, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, А. Ҳасанов, Т. Мақсудов, М. Эшниёзов, С. Хоркашев, Н. Гадоев, Б. Лашкарбеков, А. Мирбобоев, С. Матробов Ҷ. Саидов ва дигарон, ки бевосита ба баррасии лексикаи лаҳҷаҳои алоҳида бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

**Навгониҳои илмии диссертатсия**. Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон ба сифати мавзӯи алоҳида бори нахуст ба таври системавӣ ва ба сурати таҳқиқи монографӣ бар пояи дастовардҳои забоншиносии муосир таҳлилу тадқиқ шудааст. Ҳамчунин маводи лаҳҷавӣ бо забони адабӣ ва лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ мавриди муқоиса қарор гирифта, бори нахуст ҳудуди интишори калимаҳои марбут ба гӯйишҳои тоҷикии деҳоти водии Вахон, ҳамчунин таъсири омилҳои забонӣ ва фарозабонӣ (экстралингвистӣ) муайян карда мешавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ**. Пажӯҳиши ҳамаҷонибаи лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон дар марҳалаи кунунии рушди забоншиносии тоҷик, ки дар замони истиқлоли миллӣ ҷараён дорад, ба аҳамияти зерини назариявӣ соҳиб аст:

1. Баррасии лексикаи лаҳҷаи мазкур барои муайян намудани робитаи он бо лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ ва дигар гӯйишҳои дуру наздик, ки дар ҳавзаҳои гуногуни ҷуғрофии Тоҷикистон ва берун аз он (Афғонистон, Ҳиндустон ва ғ.) воқеанд, имконият фароҳам меорад.

2. Пажӯҳиши лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон дар бобати таҳқиқи муқоисавӣ ва ҷамъбасти илмии ҷамеи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, ки то ҳол чун масъалаи ҳалнашуда боқӣ мондааст, кумак мерасонад.

3. Таҳқиқи ин мавзӯъ барои ҳалли масъалаҳои лексикологияи таърихии забони тоҷикӣ, роҳҳои иқтибосгирӣ ва таъсири байниҳамдигарии забонҳо, омилҳои ҳазмшавии унсурҳои забонҳои бегона дар муҳити лаҳҷа, нақши категорияҳои лексикӣ дар ороиш ва обуранги гуфтори лаҳҷавӣ мусоидат мекунад.

4. Таҳқиқи мукаммали хусусиятҳои маъноии диалектизмҳо барои муқаррар намудани ҷойгоҳи лаҳҷаи тоҷикзабони водии Вахон дар низоми умумии диалектологии забони муосири тоҷикӣ мусоидат менамояд.

5. Натиҷаҳои таҳқиқот барои пурраву мукаммал гардидани ҷойҳои холии таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик мусоидат хоҳад кард.

6. Баррасии лексикаи лаҳҷаи мазкур дар кушодани гиреҳи баъзе мушкилоти соҳаи таъриху этнографияи мардуми тоҷик, муҳоҷирати аҳолӣ ва рушду таҳаввули забону лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар шароити таъсири пайвастаи бисёрзабонии Бадахшон ёрӣ мерасонад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ**. Баррасии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон ба аҳамияти амалӣ молик аст, зеро:

Натиҷаҳои амалӣ ва маводи забони диссертатсияро зимни таҳияи осори шевашиносӣ, фарҳангҳои диалектологии забони тоҷикӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, барномаҳо ва васоити таълимӣ оид ба шевашиносии тоҷик, ҳамчунин дар дарсҳои лексиониву амалии "Шевашиносии тоҷик" ва курсу семинарҳои махсус аз диалектологияи муқоисавӣ, диалектологияи таърихӣ ва ҳамчунин фаннҳои таърихи забони тоҷикӣ ва луғатшиносии забони адабии муосири тоҷик истифода кардан мумкин аст.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи Муминова Сафарбегим Бахриевнаро кори илмии баанҷомрасида ва мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсияи мазкур дар сатҳи баланди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои диссертант, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Мақолаҳои чопшудаи диссертант дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТва КОА ФР интишор гардидаанд:

**[1-М]**. Муминова С. Б. Лексикаи таомҳо ва анвои хӯрокворӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон//Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2019. - № 2 (79). – С. 67-71.

**[2-М]**. Муминова С. Б. Номи асбобҳои рӯзгор дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон//Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон . – 2019. - № 3 (80). – С. 35-39.
**[3-М** ]. Муминова С.Б. Истилоҳи хешутаборӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон//Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2020. - № 1 (84). – С. 85-90.
**[4-М]**. Муминова С. Б. Оид ба муносибати лексикии лаҳҷаи тоҷикони Вахон бо забони вахонӣ\\Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замони муосир (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). –Душанбе: Матбааи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон, 2019. - С. 159-161.

Аз ин лиҳоз, кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 16 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -16 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест.

Қарори №1 аз 25.08.2020.

Мудири кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С.Айнӣ, дотсент **Азизхон Мирбобоев**

Котиби ҷаласаи кафедраи
назария ва амалияи забоншиносӣ **Моҳира Зоитова**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.ru
www.tgpu.tj

Имзоҳои А. Мирбобоев ва М.
Зоитоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Давлатхон Назаров**